Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-
014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музафар Ҳалимович дар мавзуи “Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD),доктор аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои мубраме, ки ба он аҳамияти доимӣ дода мешавад албатта ин таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон мебошад, ки аз тарафи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст ва айни замон аз ҳама нуқтаи назар актуалӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асоие, ки дар доираи он аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад ин масоили мубрами ҳамгироии байнисоҳавӣ дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро фаъолияти муназами субъектҳои иқтисодиро дар айни замон бидуни ташкили ҳамгирои бо бонку ташкилотҳои қарзӣ тақвият додан душвор мебошад. Ҳамчунин дар норасоӣ ва камчинии захираҳои пулии субъектҳои истеҳсолӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ метавонанд нақши калидӣ дошта бошанд. Аз ин хотир ташкили муҳити ҳамгироӣ бани ташкилотҳои қарзӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ яке аз масъала мубрам ва зарурӣ дар шароити имрӯза маҳсуб меёбанд.

Дуруст аст, ки дар ҳама давру замон иқтисодиёт ба низоми бонкї ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии ногусастанӣ дошта, рушди мутақобилаи онҳо аз нишондиҳандаҳои мусбати байниякдигарӣ вобастагии зиёд дорад ва дар аксар маврид онҳо якдигарро пурра мегардонанд. Дар дигар маврид, вобаста ба меъёрҳои баҳодиҳӣ ба рушди иқтисодиёти ин ё он давлатро, пеш аз ҳама, тавассути суботи низоми бонкии он баҳо медиҳанд, ки чунин тамоил ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии низоми бонкиро дар затҳи зарурӣ ба иқтисодиёт инъикос менамояд.

Бо ин хотир мавзӯи интихобшуда дар шароити имрӯза актуалӣ муҳим ва зарурӣ коркардҳои дар автореферат овардашуда қобилӣ дастгирӣ мебошанд. Чунин ҳолат ва коркардҳои муалифӣ маънои онро доранд, ки таҳлилҳои анҷомгардида мукаммалии таҳқиқоти илмиро инъикос

менамоянд. Илова ба ҳамаи мувафақиятҳои бадастовардашуда сифати таҳқиқот беҳтар мегардидаи агар муаллиф ба масъалаҳои зерин аҳамияти бештар медод:

1. Ба таври алоҳида муаян кардани сатҳи ҳамгироии байни ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дар шароити имрӯза, ки аз рӯи онҳо дараҷаи ҳамгироӣ ба таври омаффаҳм муаян мегардид;

2. Беҳатр мегарди агар муаллиф муаян менамуд, ки сатҳи ҳамгироӣ ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва бонку ташкилотҳои қарзӣ аз ҳама зиёдтар ба кадом соҳа мебошад.

Новобаста аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музафар Ҳалимович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии илмии доктори фалсафа(PhD), аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Ҷулиев Музафар Ҳалимович сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе
кӯчаи М.Турсунзода, 30 Тел: (+992 37) 221-35-50.
Тел./Факс: (+992 37) 221-05-70; 227-77-53.
Почтаи электронӣ: sultan@mail.ru

Имзои Султонов З.С-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ